**Нишондодҳо барои тартибдиҳии**
**шакли № 1-хусусигардонӣ (манзил)**

1. Ҳисобот аз рӯи ҷамъбасти афзоянда тартиб дода мешавад. Дар сутуни 1 маълумотҳо оиди хонаҳои хусусигардонидашуда дар хонаҳои давлатии фонди манзил, инчунин фонди манзиле, ки дар моликияти корхонаҳои коллективӣ, хоҷагиҳои дӯстӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва дигар сохторҳои ташкилии ғайридавлатӣ истодаанд, нишон дода мешавад.

Манзилҳои хусусигардонидашуда ҳисобида мешаванд, ки дар онҳо шартнома оиди додан ё фурӯхтани онҳо ба шаҳрвандон, ки аз тарафи мақомотҳои идоравӣ, корхона, ташкилот, муассиса, колхоз бо шаҳрвандон ва дар мақомоти маҳаллӣ қайд шуда баста шуда бошад.

Ба шумораи он дохил мешавад: ба шаҳрвандон бепул додан ё фурӯхтани манзиле, ки ихтиёран онро ишғол намудаанд; ба аҳолӣ фурӯхташуда; манзилҳои ғайриодамнишини аз нав сохташуда ба навбатистодагон ва дигар шахсон ба таври ауксион; манзилҳои ғайриодамнишини фурӯхташуда, дар хонаҳое, ки ба таъмири асосӣ ё азнавсозӣ мӯҳтоҷанд. Ба масоҳати манзилҳои хусусишуда манзилҳое дохил мешаванд, ки бори аввал ба моликияти шахсӣ дода шудаанд ё фурӯхта шудаанд, ё худ вақте, ки шакли моликият иваз мешавад.

2. Ҳамаи нишондиҳандаҳои ҳисобот бояд аз рӯи маълумотҳои ҳисоботҳои аввали ҳуҷҷатгузорӣ тартиб дода шаванд: шартномаҳо оиди хусусигардонии манзилҳои истиқоматӣ (хонаҳо), шиносномаҳои техникӣ барои манзилҳои истиқоматӣ (хонаҳо), рӯйхатҳои инвентаризатсионӣ.

3. Аз рӯи сатрҳои 01-04 маълумотҳо оиди хусусикунии фонди манзил оварда мешаванд. Ҷамъи маълумотҳои сатрҳои 02, 03,04 бояд ба сатри 01 баробар бошад.

4. Аз рӯи сатри 05 маълумотҳои бозори манзил дуюм оварда мешавад. Бозори дуюми манзил ҳамаи амалиётҳои такрории хариду фурӯши фонди манзилро дар бар мегирад.

5. Дар сатри 06 шумораи манзилҳои истиқоматии ба хусусигардонӣ тааллуқдошта нишон дода мешаванд.

6. Аз рӯи сатрҳои 07-08 маълумотҳо оиди масоҳати умумии истиқоматгоҳҳои хусусишуда, аз он ҷумла масоҳати умумии истиқоматгоҳҳои фурӯхташуда оварда мешаванд.

7. Аз рӯи сатри 09 маълумотҳо оиди арзиши манзили истиқоматӣ (хонаҳо) оварда мешаванд. Баҳои арзиши манзилҳои хусусишударо комиссияи махсус бо оиди баҳисобгирии масоҳати манзилхои истиқоматӣ ва талаботи сифати онҳо аниқ мекунад.

8. Аз рӯи сатри 10 маълумотҳо оиди шумораи манзилҳои истиқоматии хусусикардашуда барои давраи ҳисоботӣ (барои семоҳаи 1, нимсолаи 1, 9 моҳа, сол) оварда мешаванд.